# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Раҳимзода Ҷурабек Раҳим дар мавзуи «Навовариҳои бонкӣ ҳамчун афзори рақамикунонии иқтисодиёт», ки барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) пешниҳод шудааст.**

Раҳимзода Ҷурабек Раҳим пас аз хатми Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон соли 2018 фаъолияти меҳнатиашро дар ҶСПТАҚХ "Ҳумо" ба сифати коршиноси қарзӣ шурӯъ намуда то соли 2020 дар вазифаҳои гуногун кору фаъолият намудааст. Ҳамзамон бо ин соли 2021 ҳамчун доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикстон дохил шуда онро соли 2024 хатм намуд. Илова бар ин фаъолияти омӯзгориашро аз соли 2023 то ҳол дар кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикстон ба номи С.Айнӣ идома дода истодааст.

Дар баробари таҳсил дар зинаи доктори фалсафа (PhD) ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки Раҳимзода Ҷурабек Раҳим дар фаъолияти меҳнатии худ ҳам таҷрибаи амалӣ дар соҳаи таҳқиқот дорад ва ҳам таҷрибаи назариявӣ-омӯзгорӣ дорад. Ҳамин масъала ба ӯ имкон медиҳад, ки сатҳ ва самти таҳқиқотро дуруст дарк намуда вобаста ба баррасии мавзуъ хулосаҳои дахлдор ва зарурӣ бароварда роҳҳои ба ҳадаф расиданро ба соддагӣ дарёфт намояд.

Дар масъалаи маҳорати таҳқиқотчигии Раҳимзода Ҷурабек Раҳим гуфтан зарур аст, ки ӯ дар сатҳи таҳқиқи мавзуъ таҳлилгар ва таҳқиқотчии бомаҳорат буда нозукиҳои баррасии масъалаҳои ба кори илмӣ зарурро дуруст дарк менамояд. Илова бар ин вобаста ба таҷрибаи амалӣ дар низоми бонкии кишвар масъалаи навовариҳои бонкиро дар шароити рақамикунонӣ дуруст ва дар сатҳи манфиатҳои илмӣ дарк менамояд.

Вобаста ба натиҷаҳои қаблии илмӣ гуфтан мумкин аст, ки Раҳимзода Ҷурабек Раҳим ҳангоми таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи "Навовариҳои бонкӣ ҳамчун афзори рақамикунонии иқтисодиёт" вобаста ба мавзуи мазкур зиёда аз 12 мақолаҳои илмӣ нашр намудааст, ки аз ин миқдор 5 мақолаи он бо талаботҳои КОА ҷавобгӯй мебошанд. Ҳамчунин ҷиҳати татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқоти худ дар семинару конференсияҳои донишгоҳиву ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ маърӯза намудааст, ки аз ҷониби

мутахассисони соҳа бо натиҷаҳои баланд илмӣ ва навгониҳо арзёбӣ карда шудааст, ки онҳо як қисми баҳои илмии диссертатсияро инъикос менамояд.

Дар ниҳоят гуфтан мумкин аст, ки рисолаи илмии Раҳимзода Ҷурабек Раҳим дар мавзуи «Навовариҳои бонкӣ ҳамчун афзори рақамикунонии иқтисодиёт», ки барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз), кори мустақилона анҷомгардидаи илмӣ буда барои муҳокимаи пешакӣ дар кафедра тавсия карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
**доктори илмҳои иқтисодӣ,**
**профессор, сарходими илмии**
**Институти иқтисодиёт**
**ва демографияи АМИТ** **Шариф Раҳимзода.**

**Имзои Шариф Раҳимзодаро тасдиқ мекунам.**
**Инспектори калон оид ба кадрҳои**
**Институти иқтисодиёт**
**ва демографияи АМИТ** **Мақсудшоева З.**

27.05.2026с